«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т.,
профессор
_______ Назарзода Х.Х.
«30» ___ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсия Нуралиева Дилафруз Камоловна, ки дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода карда шудааст, воқеан ба бандҳои зерини 10, 10.1, 10.10, 10.15, 10.19, 10.22–и шиносномаи ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷараёни ташаккул ва рушди муносибатҳои молиявӣ, тақвияти амалиёти молиявию бонкӣ аҳамияти беназири иқтисодӣ дошта, дар таҳкимёбии низоми молиявӣ мавқеи калидиро касб намудааст. Рушди бемайлони муносибатҳои молиявӣ, ба таври бесобиқа пеш рафтани технологияи инноватсионии молиявӣ сабаб гардидааст, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ низ ба ин раванд мутобиқ гардад ва татбиқи амалиёти бонкиро бо назардошти шароити муосири иқтисодӣ роҳандозӣ намояд. Таҳкими низоми хизматарсониҳои бонкӣ, коркарди маҳсулоти нави бонкӣ ва ба таври сода дастрас намудани масҳулотҳои бонкӣ ба муштариён аз афзалиятҳое маҳсуб мегарданд, ки бояд дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ шакл гиранд ва дастрасӣ муштариён гардaнд. Дар ин робита, рушду нумӯи бозори хизматрасониҳои бонкӣ на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи тақвияти маҳсулотҳои навини бонкӣ арзёбӣ карда мешавад, балкӣ дар ин замина фарогирии молиявӣ дар саросари минтақаҳои кишвар таъмин мегардад ва аҳолӣ аз маҳсулотҳову хизматрасониҳои бонкӣ ба таври зарурӣ бархурдор мегардад. Гузашта аз ин, тақвияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар баробари дастрасии аҳолӣ ба махсулотҳои бонкӣ инчунин метавонад, ки

раванди сармоягузориҳо, ҳисоббаробаркуниҳоро миёни субъектҳои иқтисодӣ вусъат бахшида, ба пешрафти дигар соҳаҳо низ таъсири мусбӣ расонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар бозори хизматрасонҳои бонкӣ дар баробари дигар субъектҳои фаъоли иқтисодӣ низоме маҳсуб мегардад, ки новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, вазифаҳои худро иҷро намуда истодааст ва ҳамчун омили тақвият бахшандаи иқтисоди воқеӣ мавқеи муҳими иқтисодиро касб кардааст. Новобаста аз коҳишёбии эътимоднокии як қатор ташкилотҳои қарзӣ, ки бо таъсири бӯҳронҳои молиявӣ ба вуқуъ пайваст, бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври муътадил амал намуда, то ҳадди имкон талаботи муштариёнро бо маҳсулотҳои бонкӣ қонеъ гардонид, ки аз фаъолияти самаранок гувоҳӣ медиҳад. Яъне, новобаста аз таъсири бӯҳронҳои молиявӣ бозори хизматрасониҳои бонкӣ маҷмуъан дар ҳолати хуб қарор дошт ва доираи маҳслуотҳову хизматрасониҳои бонкӣ давра ба давра зиёд гардид. Дар ин асос қайд кардан ба маврд аст, ки имрӯз барои бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва умуман низоми бонкии мамлакат масъалаи такмилдиҳии фаъолият ва таҳкими самаранокии он бо назардошти равнақёбии талаботи муштариён масъалаи асосӣ арзёбӣ мегардад.

Дар асоси таҷрибаи давлатҳои пешрафта қайд кардан мумкин аст, ки барои равнақи низоми бонкии кишварҳои худ, тамоми намудҳои хизматрасониҳои бонкиро такмил дода, намудҳои нави хизматрасониҳоро ба муштариён пешниҳод мекунанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар шароити муосири инкишофи иқтисодиёт такмили фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ аҳаммияти якумдараҷа дорад ва инъикоскунандаи эътимоднокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқоти илмии муҳаққиқ ин такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дониста мешавад, ки мубрамияти он баръало маълум мебошад.

### 3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо)

**Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:**

1. Муҳаққиқ дар асоси таҳқиқи консепсияҳо ва назарияҳо ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ ва мавқеи бозори хизматрасониҳои бонкиро дар иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода, бозори хизматрасониҳои бонкиро ҳамчун омили тақвиятбахшандаи соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва таъминкунандаи фарогирии молиявӣ дар кишвар арёзбӣ намудааст, ки дар воқеъ андешаи ӯ қобили қабул мебошад, ҳамчунин дар ин қисмати навгонии илмӣ давраҳои ташаккули бозори хизматраоснихои бонкӣ

дар таҷрибаи хориҷӣ маврди таҳқиқи қарор гирифта, заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди он мушаххас гардидааст, ки барои таҳқиқоти натиҷабахш имкони воқеӣ фароҳам меорад, дар баробари ин, мавқеи инноватсия ҳамчун омили калидии таҳкимдиҳандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ  пажуҳиш гардидааст ва муаллиф ба он бовар аст, ки тақвияти фаъолияти инноватсионии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар оянда аз ҷанбаҳои афзалиятнок ва судбахш хоҳад буд;

2. Ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозор хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, тамоюли рушди нишондиҳандаҳои молиявии бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст ва дар ин замина, омилҳои боздорандаи тақвияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ мушаххас карда шуда, муаллиф чунин меандешад, ки ба ҷараёни фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ омилҳои зиёде метавонанд таъсир расонанд, ва ӯ дар натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдода чунин омилҳоро гуруҳбандӣ намудааст: рушди технологияи инноватсионӣ, сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, омилҳои равонии аҳолӣ, идоракунии корпоративӣ, сиёсати пулию қарзӣ, руши иҷтимоиёт, даромади аҳолӣ, рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сатҳи инфрасохтори бонкӣ, сифати маҳсулотҳои ташкилотҳои қарзӣ, сатҳи рақобатнокӣ дар бозор бонкӣ ва ғайраҳо. Ҳамчунин, масъалаҳои рушди технологияи инноватсионӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст ва сатҳи рушди он бо истифодаи аз усулҳои муосир баҳогузорӣ гардидааст, ки қобили қабул арзёбӣ мегардад, дар баробари ин унвонҷӯ бо истифодаи усули Херфиндал-Хиршман сатҳи рақобатнокиро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди баҳогузорӣ қарор дода, нуқсонҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро пешинҳод намудааст, ки сифати таҳқиқоти илмиро таҳким мебахшад;

3. Масъалаи сифати хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун омили тақвияти эътимоднокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди баҳс қарор дода шудааст ва унвонҷӯ сифати хизматрасониҳоро аз умдатарин масоили бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии тоҷикистон медонад, ки ин ба назари мо аз манфиат орӣ нест, зеро шароити муосири иқтисодӣ инъикос менамояд, ки муштариён бештар ба сифати маҳсулотҳои бонкии пешниҳодшаванда таваҷҷуҳ доранд, аз ин нуктаи назар, муаллиф чунин мешуморад, ки ҳар як ташкилоти қарзӣ метавонад, ки дар алоҳидагӣ низоми муашаххаси баҳогузории сифати масҳулотҳои бонкиро амалӣ намояд ва онро дар стратегияи молиявии худ ҷой диҳад, чунки имрӯз наметавон бидуни коркарди усулҳо ва баҳогузории доимӣ сифати хизматрасониҳои бонкиро таъмин намуда, эътимоднокии ташклиоти қарзиро дар бозор хизматрасониҳои бонк таъмин сохт. Воқеан, пеш аз коркард ва татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ дар бозор бояд сифати он

дар мадди назар бошад ва талаботи муштариён ба инобат гирифта шавад, то маҳсулот дар бозор мавқеи зарурирo касб намуда, ба даромаднокии ташкилоти қарзӣ таъсири мусбӣ расонад;

4. Дар қисмати дигари навгониҳои илмӣ муаллиф механизми таҳкимдиҳандаи рақобатнокии ташкилотҳои қарзиро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ намудааст ва раванди тақвиятбахшандаи рақобатпазирирo дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таҳлил кардааст. Дар асоси таҳқиқотҳо унвонҷӯ ба он назар аст, ки рақобатпазирӣ нишондиҳандаи калидии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мебошад ва он аз сатҳи идоракунӣ ва менеҷменти бонкӣ вобастагии амиқ дошта, мавриди истифода қарор додани усулҳои муосири идоракунии корпоративӣ, мониторинги доимӣ ва тақвияти сатҳи дороиҳои пардохтпазири ташкилоти қарзӣ аз омилҳое маҳсубанд, ки дар қавигардии мавқеи рақобатии ташкилоти қарзӣ нақши асосӣ доранд. Дар баробари ин, самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳқиқ шудааст ва муаллиф нақши давлатро ҳамчун институти махсус дар пешрафти бозлори хихматрасониҳо муассир арзёбӣ кардааст. Усулҳои таъсири давлат ба рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва роҳу воситаҳои он илман асоснок карда шудаанд, ки аз таҳқиқоти амиқи муаллиф дарак медиҳанд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ Нуралиева Дилафруз Камоловна боиси он мегардад, ки ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии бозори хизмтрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвият ёбад ва фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ амалан иҷро карда шавад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ, таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки дар онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии самтҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун натиҷа ифода мегарданд. Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардидаанд, ки ифодаи онро дар матни диссертатсия мушоҳида намудан мумкин аст.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳаммияти илмӣ - назариявии таҳқиқот дар таҳкими равишҳои илмӣ ба дарки масъалаи рушди ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, таҳлили вазъи муосири нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар бозори бонкӣ ифода меёбад. Омӯзиш ва банизомдарории нуктаҳои назари гуногун имкон дод, ки моҳияти иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, маҳслуотҳои бонкӣ ва давраҳои таҳаввули он

аниқ карда шуда, хусусиятҳои он дар баландбардории нақши низоми бонкӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ муайян карда шаванд. Муқаррар карда шуд, ки рушди ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба фаъолияти густурдаи ташкилотҳои қарзӣ заминаи муносиб гузошта, метавонад, ки дар маҷмуъ ба пешрафти иқтисоди миллӣ ва тақвияти соҳаҳои дигар иҷтимоӣ саҳми назаррас гузорад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки таҳқиқот ва пешниҳоду тавсияҳои аз тарафи муаллиф бадастоварда аз он иборат мебошад, ки масъалаҳои мубрами бозори хизматрасониҳои бонкиро дар бар гирифта, онҳо ба муваффақиятҳои ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи зарурӣ ва барои рушду суботи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳаматарафа мерасонанд. Ҳамзамон, қайд намудан лозим аст, ки пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд барои солимгардонӣ ва устувории низоми бонкӣ, инчунин таҳкими бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд ва ба рушди минбаъда замина мегузоранд.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз тарафи муаллифи рисола дар масъалаи беҳтарсозии самтҳои асосии фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалан тақвият бахшидан ба вазъи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар ин бозор дониста мешаванд. Дар ин замина, қайд намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар таҳкими иқтисоди миллӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои бонкӣ нақши калидиро касб намуда, асоси пешрафти соҳаҳои мухталиф мебошад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ омили пешрафти иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад, ки онро муаллиф дар диссертатсия ба таври назаррас мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои мушаххас ноил гардидааст. Ҳамзамон, гуфтан бамаврид аст, ки татбиқи воқеии натиҷаҳои бадастовардаи рисола ва дар ҳамин замина дар амалан татбиқ намудани онҳо аҳаммият ва манфиати умумииқтисодӣ дорад.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ нақши бозори хизматрасониҳои бонкӣ бармало маълум аст ва бидуни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва маҳсулотҳои бонк низоми иқтисодии муосирро тасаввур намудан ғайримкон мебошад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ва умуман соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз он ҷумла аҳолии кишвар ҳамкории зич дошта, дар беҳтарсозии сатҳу сифати некӯаҳволии мардум ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти миллӣ мавқеи калидро доро мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, таъмини фаъолияти самараноки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки бевосита ба манфиати ҷомеа ва

иқтисодиёт нигаронида шудааст. Иловатан гуфтан мумкин аст, ки устувории фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бо рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҳамбастагии мустақим дошта, дар сатҳи зарурӣ нигоҳдории фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарз аз манфиат холӣ нест.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асосҳои илмии таҳқиқи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, тақвияти амалиёти муашаххаси бонкӣ, таҳлили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва нақши онҳо дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии низоми бонкӣ, сифати маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷанбаҳои асосии такмилдиҳии бозори хизматрасониҳои бонкиро дар шароити муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ҳамчун натиҷа ва коркардҳои қаблии унвонҷӯ пешниҳод гардидаанд.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёт»** ном гирифта, дар он таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии моҳияти иқтисодӣ ва сохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ, заминаҳои ташаккули бозори хизматрасониои бонкӣ дар ҷаҳон ва хусусиятҳои истифодаи инноватсия дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, пешниҳодҳои ҳадафманд оварда шудааст, (саҳ. 15-60).

**Дар зербоби 1.1-**и диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки дар раванди пешрафти мунтазами ҷомеа ва густариши муносибатҳои молиявию иқтисодӣ бозори хизматрасониҳо ва инчунин бозори меҳнат аз унсурҳои муҳим арзёб мегарданд. Бозори хизматрасониҳо ҳамчун объекти таҳқиқот аз нигоҳи иқтисодшиносони мактабҳои мухталифи иқтисодӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст ва аксари ин муҳаққиқон арз менамоянд, ки бозори хизматрасониҳо аз унсурҳои асосӣ ва калидии иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, дар пешрафти соҳаҳои дигар нақши муассир дорад (саҳ. 16). Бояд қайд намуд, ки нуқтаи назари муаллиф қобили дастгирист ва воқеан имрӯз бозори хизматрасониҳо ва инчунин бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти ҳар як

кишвар маҳсуб шуда, дар ҷараёни вусъати дигар соҳаҳо мавқеи калидӣ дорад. Муаллиф таҳқиқотҳои олимони ватаниро омӯхта, дар ин асос ба он назар аст, ки ки хизматрасониҳои бонкӣ маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманди ташкилотҳои қарзӣ ва муштарӣ оид ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси иқтисодӣ аст, ки метавонад талаботи ду ҷонибро қонеъ намояд (саҳ.20).

Аз нигоҳи муаллиф айни замон бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар раванди рушд қарор дошта, ҳамчун омили асосии тақвиятбахшандаи дигар соҳаҳо маҳсуб меёбад, ки ин андеша ба назари мо мусбат аст ва онро метавонем қабл намоем. Чунки, дар раванди густариши муносибатҳои молиявию қарзӣ ва васеъгардии доираи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ бояд мавқеи ташкилотҳои қарзӣ низ тақвият ёбад ва дар пешрафти иқтисодиёт нақшгузор бошад. Муаллиф равишҳои асосиро дар робита ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ гуруҳбандӣ намуда, дар ин замина унсурҳои муҳими онро муйян намудааст, ки аз омӯзиши амиқи ӯ дарак медиҳад (саҳ.22). Дар ин зербоб сохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ, тартиби идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ (саҳ.28) баррасӣ гардидаанд ва маҳсулотҳои бонкӣ бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ аз ҷониби муаллиф гуруҳбандӣ шудаанд, ки сатҳи хуби таҳқиқотро инъикос менамоянд.

**Дар зербоби 1.2.** масоили таҳаввулот ва заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ гардидааст, ки ҷиҳати таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ заминаи устуворро муҳайё менамояд. Муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки вобаста ба таҳаввулот, инкишоф ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ андешаҳо ва фикру ақидаҳо гуногун мебошанд ва дар ин самт назари ягона мавҷуд нест. Роҷеъ ба пайдош ва рушду инкишофи бозори хизматрасонҳои бонкӣ вучуд надоштани ақидаи мушаххас ба фикри мо бо ду омил вобастагӣ дорад. Якум, зери назари муҳаққиқон қарор нагирифтани бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун субъекти муҳими иқтисодӣ. Дуюм бошад, таҳқиқ намудани бозори хизматрасониҳо бонкӣ дар доираи фаъолияти низоми бонкӣ (саҳ.30). Ба назари муаллиф бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун субъекти алоҳида мавриди таваҷҷуҳи олимони соҳа қарор нагирифтааст ва ин боис гардидааст, ки паҳлуҳои мубрами фаъолияти ин бозор бидуни пажуҳиш монад. Шояд чунин аст, вале, айни замон таҳқиқотҳои олимони ватанӣ дар ин самт зиёд ба чашм мерасад, ки аз муҳимияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дарак дода, аҳамияти бузарги иқтисодии онро инъикос месозад. Дар баробари таҳқиқи заминаи пайдоиши бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷаҳон, инчунин масъалаи дар кадом кишварҳо арзи ҳастӣ намудани вижагиҳои амалиёти бонкӣ, сабабҳои пайдоиш, омилҳои рушд ва таъсири бозор хизматрасониҳои бонкӣ ба ҷомеаи

мутамаддин дар ин зербоб мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст (саҳ.32-40), ки кори диссертатсиониро аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа боз ҳам ғанӣ мегардонад.

**Дар зербоби 1.3**. инноватсия ҳамчун унсури муҳими тақвиятбахши фаъолияти такшилотҳои қарзӣ ва омили дар раванди рушди бозори хизматрасонҳои бонкӣ нақшгузоранда мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Унвонҷӯ қакд мекунад, ки инноватсияи бонкӣ ва истифодаи усулҳои муосири он дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ метавонад рақобатпазирии ташкилоти қарзиро таъмин намояд ва дастрасии муштариёнро ба маҳсулотҳои бонкӣ сода мегардонад. Чӣ дар сатҳи микро ва чӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт истифодаи инноватсия метавонад сабаби баландравии мусбии фаъолияти бонк гардад. Маҷмӯи хизматрасониҳои анъанавие, ки бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод менамоянд, имрӯз талаботи муштариёнро қонеъ намегардонад ва бонкҳоро зарур аст, ки хизматрасониҳоро бо истифода аз инноватсия пешкаши муштариён намоянд (саҳ.43). Дар воқеъ, шароити муосир талаб менамояд, ки шароити зарурӣ ҷиҳати рушди технология дар пешниҳоди хизматрасониҳо таҳия гардад ва истифодаи густурдаи он дар низоми бонкии кишвар роҳандозӣ карда шавад. Вобаста ба ин, муҳаққиқ инноватсияро заминаи асосии рушд арзёб мекунад ва нақши онро дар пешрафти бозори хизматрасониҳои бонкӣ бузург медонад, ки ин нукта қобили қабул мебошад. Муаллиф омилҳои ба вусъатёбии инноватсияи бонкӣ таъсирбахшро гуруҳбандӣ намуда, роҳу воситаҳои пешигрии онҳоро пешинҳод кардааст, ки ин амал метавонад дар татбиқи инноватсия дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ науши калидӣ дошта бошад (саҳ.45). Илова ба ин, таснифоти инноватсия дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (саҳ.50) дар ин зербоб таҳияи шудааст, ки ҷанбаҳои асосии фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои қарзиро фарогир буда, дар пешрафти татбиқи инноватсия заминаи муносиб мегузорад.

**Боби дуюми диссертатсия «Вазъи муосир ва тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ, тамоюли рушди рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои таъсирбахш ба ҷараён фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди арзёбӣ ва таҳлил қарор дода шудааст (саҳ. 60-113).

**Дар зербоби 2.1**. вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо истифода аз усули муқоисавӣ ва таҳлилӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва муаллиф тавонистааст, ки нишондадиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзии дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ амалкунандаро ба таври комил гуруҳбандӣ намуда, оид ба коҳишёбӣ ва ё зиёдшавии онҳо нуқтаи назари худро ба таври конкретӣ пешниҳод намояд, ки ин аз малакаи

таҳлилии унвонҷӯ дарак медиҳад. Ҳолати муосири бозори хизматрасонҳои бонкӣ дар ҷадвалҳо ва расмҳо инъикос ёфта, рушди минбаъдаи он мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст ва мушкилоти ҷойдошта дар он муайян шудааст (саҳ.60-63). Таҳлилҳои гузуронидашуда собит намудаанд, ки дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан кам гардидааст, (15-адад) ки сабаби онро муаллиф дар сатҳи рақобатпазирӣ, таъсири омилҳои буҳронӣ ва дараҷаи идоракунии корпоративӣ арзёбӣ намудааст (саҳ.64). Унвонҷӯ нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкиро таҳлил намуда, чунин андеша дорад, ки таҳкимёбии дороиҳои низоми бонкӣ яке аз унсурҳои асосӣ дар ҷараёни таъмини фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ маҳсуб ёфта, метавонад, ки дар раванди сармоягузории соҳаҳои мухталиф накши беандоза бузург дорад (саҳ.67). Дар ин зербоб нишондиҳандаҳои молияви ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми қарзҳои ба иқтисодиёт пешниҳодшуда, сифати сандуқи қарзии бонкҳо, мавқеи бонкҳо оид ба пешниҳоди қарзҳо, пасандозҳои ҷалбшудаи ташкилотҳои қарзӣ, фоизи пасандозҳо, усулҳои ҷалби пасандозҳо, ҳиссаи бонкҳо вобаста ба дороиҳо, фоизи қарзҳои пешинҳодшуда ва ғайраҳо мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуда, диссертатсияро боз ҳам пурратар ва комилтар гардонидаанд (саҳ.68-79).

**Дар зербоби 2.2.-**и тамоюли рақамикунонии маҳсулотҳои бонкӣ ва рушди хизматрасониҳои фосилавӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳқиқ карда шуда, муаллиф рақамикунонии маҳсулотҳои бокиро аз масоили асос ва мубрам арзёбӣ кардааст (саҳ.83-84). Ин масъала ба назари муаллиф фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзиро таъмин карда, метавонад, ки сатҳи раобатпазириро таҳким бахшад, зеро шароити муосири иқтисодӣ тақозо менамояд, ки маҳсулотҳои бонкӣ тариқи фосилавӣ пешниҳод муштариён гарданд ва талаботи муштариён низ ҳамин аст. Бо дар назардошти ин масъала, унвонҷӯ қайд мекунад, ки тақвияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси рушди инноватсия ва технологияи муосири рақамӣ, на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи тараққиёбии низоми пулӣ аст, балки ба раванди таҳкими иқтисоди милли метавонад, ки таъсири мусбӣ расонад. Сониян, низоми хизматрасониҳои бонкии рақамӣ имрӯз як механизми мураккабест, ки аз зерсохторҳои ба ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобаста иборат аст (саҳ.85). Яъне, истифодаи технологияи муосири молиявӣ дар оянда метавонад, ки ҳамчун омили рушд баромад кунад, ки дар ин маврид ба назари мо муаллиф дуруст қайд мекунад. Мушкилиҳои асосии рақамикунонии масҳулотҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, сатҳи дастрасии аҳол ба интернет дақиқ гардидааст ва рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни кишварҳои ҷаҳон оид дастрасии аҳолӣ ба итернет ва суръати он муайян гардидааст, ки такмилёбии ин зербобро замина мегузорад

(саҳ. 87-93). Умуман дар ин зербоб унвонҷӯ тавонистааст, ки ба мақсади гузоштаашуда ноил гардад, мушкилиҳои мавҷударо дар самти рақамкунонии маҳсулотҳои бонкӣ дақиқ намояд ва роҳҳои аз байн бурдани онҳоро пешкаш созад.

**Дар зербоби 2.3.** омилҳои ба чараёни фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсирбахш мавриди таҳқиқи дақиқ қарор гирифтаанд ва муаллиф бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ ин омилҳоро гуруҳбандӣ кардааст. Масъалаи баррасӣ ва таҳлили омилҳоро муаллиф зарурӣ арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки дар шароити муосир шумораи зиёди омилҳое мавҷуд ҳастанд, ки ба инкишофёбии хизматрасониҳои бонкии кишвар метавонанд таъсиргузор бошанд. Яъне, имрӯз омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди бозори хизматрасониҳои бонкии кишвар мусоидат менамоянд ва дар баробари ин омилҳое низ мавҷуданд, ки ба рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ монеа эҷод менамоянд. Вобаста ба ин, ҳар як давлат барои дар сатҳи камтарин қарор додани омилҳои ба вазъи низоми бонкӣ таъсиргузор чораҳои зарурӣ андешида, барои рушди ояндаи он мусоидат менамояд, зеро аз натиҷаи он рушди иқтисодиёти кишвар вобастагӣ дорад (саҳ.99). Унвонҷӯ чунин ақида дорад, ки омилҳои зерин метавонанд ба фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсири назаррас дошта бошанд, аз қабили: -рушди технологияи инноватсионӣ, -сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, -омилҳои равонии аҳолӣ, -идоракунии корпоративӣ, -сиёсати пулию қарзӣ, -рушди иҷтимоиёт, -даромади аҳолӣ, -рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, -сатҳи инфрасохтори бонкӣ, -сифати маҳсулотҳои ташкилотҳои қарзӣ, -сатҳи рақобатнокӣ дар бозор бонкӣ ва ғайраҳо (саҳ.102). Маҷмуъан, масъалаҳои дар ин зербоб фарогирифташударо метавонем қонеъкунанда дарҷ намоем, зеро омилҳо бо назардошти ҳолати бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳбандӣ шудаанд ва аз тарифи дигар муаллиф воситаҳои бартарафсозии онҳо ва тартиби баҳогузории онро пешниҳод намудааст, ки ба сифати диссертатсияро метавонад таҳким бахшад.

**Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии мукаммалгардонии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, дар он такмили механизми сифати хизматрасониҳои бонкӣ, татбиқи маҳсулотҳои нави бонкӣ дар бозор ва стратегияи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд, (саҳ.114-155).

**Таҳқиқоти зербоби 3.1.** нишон медиҳад, ки дар раванди густаришёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва воридшавии бонкҳои хориҷӣ ба низоми бонкии кишвар масъалаи сифати маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ боз ҳам боло меравад, зеро татбиқи фаъолияти самараноки бонкҳои

тиҷоратиро танҳо дар асоси мустаҳкамсозии заминаи рақобатӣ ба роҳ мондан имконпазир аст (саҳ.114).

Дар воқеъ, муаллиф дар ин маврид дуруст қайд мекунад, ки сатҳи рақобатнокии ҳар як ташкилоти қарзӣ аз сифати масҳулотҳои бонкии пешниҳодшаванд вобаста мебошад. Зеро бо пурзургардии рақобат дар бозори бонкӣ ва иштироки густурдаи бонкҳои хориҷӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баландбардории сифати хизматрасониҳо боз ҳам муҳим мегардад. Ин масъала ҳамчун мадраки асосӣ мавриди назари унвонҷӯ қарор гирифтааст ва ӯ сифати масҳулотҳои бонкиро ҳамчун омили асосӣ ва дорои таъсири зиёд медонад (саҳ. 116). Роҳу равиши таҳкими сифати масҳулотҳои бонкӣ ва баҳогузории мавқеи ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби муаллиф коркард ва пешкаш гардидааст, ки ба назари мо метавонад ҷиҳати тақвияти минбаъдаи мавқеи ташкилотҳои қарзӣ дар иқтисодиёт накши ҳалкунанда дошта бошад (саҳ.117-126).

**Дар зербоби 3.2**. -и диссертатсия муаллиф исбот кардааст, ки фаъолияти густурда ва самараноки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамон ҳолат натиҷаи мусбӣ медиҳад, агар маҳсулотҳои навин коркард карда шаванд ва онҳо тибқи талаботи муштариён пешниҳод гарданд (саҳ.129-132). Дар ҳамин замина, унвонҷӯ дар диссертатсия дарҷ намудааст, ки ҷиҳати татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ зарур аст, ки низоми мушаххас ва барномарезии дақиқ мавриди истифода қарор гирад, то муштариён тавонанд, ки бидуни мушкилӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ дастрасӣ пайдо кунанд ва талаботи худро қонеъ намоянд. Дар ҳолати баръакс, яъне бидуни бароmаи аниқ ва омӯзиши талаботи муштариён ташкилоти қарзӣ наметавонад, ки дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муваффақ гардад. Масъалаи коркарди маҳсулоти нави бонкӣ, тартиби татбиқи он ва зарурияти роҳандозии масҳулотҳои нави бонкӣ дар ин зербоб ба таври васеъ ва густурда шарҳ дода шудааст (саҳ.129-130). Муҳаққиқ давраҳои ташаккули маҳсулоти нави бонкиро гуруҳбандӣ намуда, маҷмӯи чорабиниҳое, ки дар ин раванд зарур аст, мавриди баҳс қарор дода, тартиби коркард ва ба бозор бароварданни маҳсулоти нави бонкиро таҳия намудааст, ки истифодаи амалии он барои ташкилотҳои қарзӣ имкон медиҳад, ки маҳсулотҳои навро коркард намуда ба бозор пешниҳод созанд.

**Дар зербоби 3.3.** -и диссертатсия унвонҷӯ масъалаи рушди бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба коркарди стратегияи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ кӯшиш намудааст. Дар ин самт муаллиф масоили таъмини фаъолияти самаранок, шаффоф ва эътимодноки ташкилотҳои қарзиро асоси пешрафти бозори хизматрасониҳои бонкӣ медонад (саҳ.145). Дар ин раванд такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ, баҳогузории хавфҳои эҳтимолӣ ва муайн намудани самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ зарур арзёбӣ

карда шудааст ва унвонҷӯ бо истифода аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҷанбаҳои асосии рушдро муашаххас намудааст. Муаллиф ба он ақида аст, ки таҳияи стратегияи рушд имкон медиҳад, ки бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи комилан нав пеш рафта, мавқеи он дар иқтисодиёт боз ҳам такмил меёбад (саҳ.150). Вобаста ба ин , дар зербоб масъалаҳои муҳими дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ вуҷуддошта мавриди назари муҳаққиқ қарор гирифтаанд ва ӯ механизми рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳоро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо метавонад дар оянда ҷиҳати амалан рушд додани ин бозор замина мегузорад (саҳ.152).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Бисёр бамаврид мебуд қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқотро бо стратегияҳои давлатӣ хусусан, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 асоснок менамудед;

2. Дар зербоби 1.1., ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотро дар бар мегирад аз олимони ватанӣ ба таври комил истифода нашудааст. Хуб мебуд, агар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ зимни пажӯҳиши масоили баҳсталаби бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегирифтанд;

3. Дар боби якуми диссертатсия муаллиф на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пурра манзур кардааст, ки аз назари илмӣ ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ мерасонад;

4. Оид ба зербоби 1.2 бояд қайд намоем, ки маълумоти зиёдеро муаллиф мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст, вале таъсири ин раванд, яъне рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷаҳон барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан нест;

5. Дар зербоби 2.1. ҳангоми таҳлили вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷадвали 2.4. сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ оварда шудаас, бисёр бамаврид мебуд, агар муаллиф роҳу воситаҳои коҳишдиҳии меъёри фоизи қарзи бонкиро пешниҳод мекард;

6. Зербоби 2.2., ки вазъи рақамикунонии маҳсултҳои бонкӣ таҳлил шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф оид ба таҳкими инфрасохтори пардохтӣ низ таҳқиқот мегузаронд, зеро инфрасохтор аз муҳимоти асосӣ зимни рақамикунонии масҳулотҳои бонкӣ мебошад;

6. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф бисёр маълумотҳои оморӣ, факту далелҳои илмиро ҷамъоварӣ карда, таҳлилҳо гузаронида аст, аммо на ҳамаи таҳлилҳо дар хулосаи боби дуюми диссертатсия нишон дода шудаанд;

7. Бисёр бамаврид мебуд, агар дар боби сеюми диссертатсия ягон модели консептуалӣ ё матрисаи самтҳои асосии рушди бозори хизматрасоиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегардид;

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда**

Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорик ва санадҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Нуралиева Дилафруз Камоловна бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, махсус бояд таъкид намуд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабъррасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 9 мақола, ки 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст, мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи

илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия Нуралиева Дилафруз Камоловна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №3 аз 29 октябри соли 2025).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 10- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи
молия — Ҷабборов А.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи молия — Дустматов Б.М.

Котиби ҷаласа, н.и.и., дотсент — Абдуллозода А.Б.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехоти, 1/2. http://www.tguk.ti. E-mail: tguk@mail.tj тел: +992 (37) 234-85-46

Имзоҳои Ҷабборов А., Дустматов Б.М., ва Абдуллозода А.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ